Суратмаҷлиси №5
ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА-036
назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода

аз 04 марти соли 2023 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзои Шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми феврали соли 2023, №18/шд тамдидгардида, 10 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 3 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравand. Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи Шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шӯро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

РӮЗНОМА:

Дар бораи ба ҳимоя қабул намудани диссертатсияи **Қосимов Муҳаммадҷон Сафарович** дар мавзуи **«Муқоисаи корбурди пешояндҳо ва таҳлили маъноии онҳо дар матни бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар заминаи тарҷумаи англисии асарҳои «Ёддоштҳо», «Мактаби куҳна» ва «Аҳмади Девбанд»-и С.Айнӣ»)** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.

ШУНИДА ШУД:

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи эскпертии Шурои диссертатсионӣ Каримов Шуҳрат Бозорович , аъзои комиссияи экспертӣ Абдуллоева Г.З. ва Джамирова Л.И. баромад намуданд. (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

Қарор карда шуд:

1. Диссертатсияи **Қосимов Муҳаммадҷон Сафарович** дар мавзуи **«Муқоисаи корбурди пешояндҳо ва таҳлили маъноии онҳо дар матни бадеии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ** (дар заминаи тарҷумаи англисии **асарҳои «Ёддоштҳо», «Мактаби куҳна» ва «Аҳмади Девбанд»-и С.Айнӣ»)** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ ба ҳимоя қабул карда шавад;

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

- **Мухторов Зайниддин -** доктори илмҳои филологӣ, профессор, ректори филиали Донишгоҳи рушди менеҷменти Сингапур дар Тоҷикистон;

- **Раҳимов Маҳмадназар**– номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони англисии донишгоҳи милии Тоҷикистон

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии *Кӯлоб* ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъйиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 13.05.2023, соати 13:00 таъйин карда шавад.

Қарор қабул карда шуд: якдилона.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Турсунов Ф.М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Ҳасанова Ш. Р.